**БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

# ШАРҲИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН* ДАР СЕМОҲАИ СЕЮМИ СОЛИ 2022

*Бинобар роҳандозии чораҳои маҷмуӣ алайҳи паёмадҳои вазъи ногувори геосиёсию иқтисодӣ дар ҷаҳон, дар семоҳаи сеюми соли 2022 фаъолияти бемамонияти низоми бонкии кишвар таъмин гардида, нишондиҳандаҳои устувории он дар сатҳи мақбул нигоҳ дошта шуд.*

**Кифоятии сармоя.** Дар ҷамъбасти семоҳаи сеюми соли 2022 меъёри кифоятии сармоя (МКС) дар низоми бонкӣ (К1-1) ба 25,1 фоиз баробар гардид, ки аз талаботи муқарраршуда 13,1 банди фоизӣ (б.ф.) ва нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 ба андозаи 2,1 б.ф. зиёд мебошад. Дар ин давра сармояи танзимшаванда ва дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашудаи низоми бонкӣ мутаносибан ба андозаи 18,5 ва 8,6 фоиз афзоиш ёфта, ба зиёд шудани меъёри кифоятии сармоя (К1-1) мусоидат намуд. Меъёри К1-2 бошад, нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 ба андозаи 0,4 б.ф. коҳиш ёфта, ба 18,5 фоиз баробар гардид.

*1. МКС (К1-1) дар низоми бонкӣ*




**Пардохтпазирӣ.** Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1) дар сатҳи низом ба талаботи меъёри мақбул мутобиқ буда, 92,5 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба семоҳаи сеюми соли 2021 ба андозаи 3,1 б.ф. зиёд мебошад.

Сатҳи пардохтпазирии бо асъори хориҷӣ ифодаёфтаи низоми бонкӣ низ дар сатҳи муносиб қарор дошта, 99,9 фоизро ташкил намуд.

*2. Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1)*




**Бонкҳо ва ТАҚХ*

**Даромаднокӣ.** Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаҳои даромаднокии низоми бонкӣ аз рӯи дороиҳо ва сармоя дар сатҳи муътадил нигоҳ дошта шуда, мувофиқан 8,1 фоиз ва 38,1 фоизро ташкил намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 мутаносибан ба андозаи 5,4 б.ф. ва 26,9 б.ф. зиёд мебошанд.

Қобили қайд аст, ки бо фоида ҷамъбаст гардидани фаъолияти аксари ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар давраи ҳисоботӣ ба афзоиши нишондиҳандаҳои мазкур мусоидат намуд.

**Сифати сандуқи қарзӣ.** Ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) дар сандуқи қарзӣ аз 14,9 фоиз дар интиҳои моҳи сентябри соли 2021 то ба 12,1 фоиз дар давраи ҳисоботӣ коҳиш ёфт.

Нишондиҳандаи фонди пӯшонидани талафоти имконпазир нисбат ба қарзҳои ғайрифаъол бошад, дар ин давра ба 97,9 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба моҳи сентябри соли 2021 ба андозаи 7,0 б.ф. зиёд мебошад.

**Хавфи асъорӣ.** Дар интиҳои семоҳаи сеюми соли 2022 мавқеи умумии кушодаи асъорӣ дар низоми бонкӣ дароз ҷамъбаст гардида, андозаи он 7,6 фоизро ташкил намуд, ки ба меъёри муқарраршуда (К6-1) мувофиқ мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳиссаи қарзҳои асъорӣ дар муқоиса ба моҳи сентябри соли 2021 ба андозаи 4,7 б.ф. ва пасандозҳои асъорӣ ба андозаи 5,1 б.ф. коҳиш ёфта, мувофиқан 29,0 фоиз ва 41,1 фоизро ташкил намуданд, ки аз тадриҷан паст шудани раванди долларикунонӣ дар низоми бонкӣ гувоҳӣ медиҳанд.

*3. Даромаднокии дороиҳо ва сармоя*




*4. Сифати сандуқи қарзӣ*




*5. Нишондиҳандаҳои хавфи асъорӣ*




*Манбаъ: ҳисобҳои БМТ*